БЕ МУАЛЛИМ ҲЕҶ НОДОР ПЕШИ ХУД ДОРО НАШУД,
ХИШТИ ҲАР ДОРОИРО АВВАЛ МУАЛЛИМ МОНДА БУД.

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан

# Молия ва иқтисод

Огози нашр: 7.03.2013 // Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

№ 03 (116) 12 октябри 2018

www.tgfeu.tj




МИЗИ МУДАВВАР

## ҲАМКОРИҲОИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН: ШАРОИТ ВА ИМКОНИЯТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДӢ

Рӯзи 5 октябри соли равон бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Институти сиёсати иқтисодии ба номи Е.Т. Гайдар, инчунин Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии Россия дар назди Президенти Федератсияи Россия мизи мудаввари байналмилалӣ дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Россия ва Тоҷикистон: шароит ва имкониятҳои нави иқтисодӣ» баргузор гардид. Дар он олимону муҳаққиқон аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон, намояндагон аз вазорату идораҳо ва коршиносони иқтисодӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок ва суханронӣ намуданд.

Кори мизи мудавварро Шукрулло Хайрзода, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кушода, меҳмононро ба донишгоҳ хайрамақдам гуфта, таъкид дошт, ки ин ҳамоиш барои тавсеаи муносибатҳои тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мусоидат намуда, нишондиҳандаи робитаҳои зичи муассисаҳои таълимии ин ду кишвар мебошад.

Сипас Солеҳзода Ашурбой, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ аҳли нишастро бо Рӯзи забони давлатӣ ва Рӯзи муаллимон муборакбод намуда, меҳмононро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфт. Мавсуф зимни суханронӣ дар бораи густариши муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон қайд кард, ки муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Россия ва Тоҷикистон яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза татбиқи як қатор маҷмӯи чорабиниҳо имкон доданд, ки сатҳи муносибатҳои иқтисодии ду мамлакат мувофиқан бо хусусияти шарикии стратегии он ба шакли сифатан нав барояд. То имрӯз 240 созишномаи байниҳукуматӣ дар самтҳои гуногун ба имзо расидаанд. Муносибатҳои байни Россия ва Тоҷикистон ба таври озод ва боварии ҳамдигарӣ ба роҳ монда шудааст. Чорабинии имрӯза дар асоси тақвияти ҳамкориҳои байни макотиби олии ин ду ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда, барои густариши муносибатҳои иқтисодӣ бо пешниҳодҳои илман асосноки коршиносону олимони иштирокчӣ мусоидат хоҳад намуд, чунин натиҷагирӣ кард Солеҳзода А.А..

Баъдан Приходько Сергей Вадимович, директори иҷроияи Институти сиёсати иқтисодии ба номи Е.Т. Гайдар ва Мау Владимир Александрович - ректори Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии Россия дар назди Президенти Федератсияи Россия баромад карда, дар бораи муассисаи худ каме маълумот дода, барои тақвияти ҳамкориҳо бо ДДМИТ ташкили ҳамоиши мазкурро муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар қисмати асосии кори мизи мудаввар маърӯзаҳои зерини муҳаққиқони тоҷику рус шунида шуд: Саидмуродов Лутфулло, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ дар мавзӯи «Самтҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», Ведев Алексей, директори Маркази тадқиқотҳои сохтории Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии Россия дар назди Президенти Федератсияи Россия дар мавзӯи «Хавфҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Федератсияи Россия дар дурнамои миёнамуҳлат», Петросян Андрей, сардори маркази тадқиқотҳои ҳамгироии Бонки рушди Авро-Осиё дар мавзӯи «Нақши институтҳо дар рушди равандҳои ҳамгироӣ», Дробышевский Сергей, директор оид ба корҳои илмии Институти сиёсати иқтисодии ба номи Е.Т. Гайдар дар мавзӯи «Мутобиқшавии сиёсати буҷавии ФР ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ ва мухолифат ба садамаҳои беруна», Трунин Павел, роҳбари самти «Макроэкономика и финансы» дар мавзӯи «Сиёсати пулию қарзии Бонки марказии Федератсияи Россия дар шароити ноустувории иқтисодӣ», Пахомов Александр, ходими пешбари илмии лабораторияи тадқиқотҳои макроиқтисодӣ (ИПЭИ) дар мавзӯи «Имкониятҳои нав ва хавфҳои тавсеаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Россия ва Тоҷикистон», Кнобель Александр, мудири лабораторияи «Международная торговля» дар мавзӯи «Дурнамои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Россия ва Тоҷикистон дар ҳошияи фаъолияти Иттиҳоди иқтисодии Авро-Осиё», Курляндская Галина, директори Маркази сиёсати фискалӣ (Россия), коршиноси лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо (Тоҷикистон) дар мавзӯи «Оё аз таҷрибаи Россия дар ислоҳоти муносибатҳои байнибуҷавӣ дар Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст?», Қандиёрова Дилбар, профессори кафедраи назарияи иқтисодии ДДМИТ дар мавзӯи «Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳамгироии минтақавӣ: талабот ва дурнамо».






С. 2

# ҲАМКОРИҲОИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН: ШАРОИТ ВА ИМКОНИЯТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДӢ

Дар баромадҳо аҳамияти шарикии стратегии Тоҷикистону Россия таъкид гардида, рушди бахши ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ, ки омили муҳими таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва рушди минбаъдаи ҳамкорӣ бо ин кишвар аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонад, арзёбӣ гардид.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз Федератсияи Россия дар самти шарикии тиҷоративу сармоягузории Тоҷикистон мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Аз соли 2008 Федератсияи Россия ҳамчун шарики муҳими иқтисодию тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, дар мавқеи якум қарор дорад ва аз соли 2006 намояндагии тиҷоратии Федератсияи Россия дар Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Соли 2017 гардиши мол байни ду кишвар беш аз 900 млн. доллари амрикоиро ташкил кард. Дар 8 моҳи охир гардиши мол ба андозаи 35% афзоиш ёфта, асосан нахи пахта 16%, меваю сабзавот - 14% ба Россия аз Тоҷикистон содирот карда мешавад. Аз Федератсияи Россия бошад, асосан маҳсулоти нафтӣ ва васоити наклиётӣ ворид мегардад.

Яке аз самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар, ки ҳам ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва ҳам ба равандҳои ҳамгироии минтақавӣ таъсири амиқ мерасонад, ин сармоягузориҳои мустақим ба иқтисодиёти кишвар мебошад, ба мисли соҳаҳои энергетика, истеҳсолоти саноатӣ, соҳаи кӯҳию металлургия ва сохтмон, наклиёти авиатсионӣ ва роҳи оҳан, кишоварзӣ ва ғайра. Дар солҳои охир аз тарафи Россия ба Тоҷикистон дар ҳаҷми умумӣ беш аз 700 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим карда шудааст.

Имрӯзҳо муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон ба ҳамгироии зич ва наздикшавии иқтисодиёт бо мақсади пешравии иҷтимоию иқтисодӣ, болоравии гардиши мол ва беҳсозии некуаҳволии мардум нигаронида шудааст. Яке аз қисматҳои равобити иқтисоди хориҷии давлатҳо ин рушди савдо байни мамлакатҳо мебошад. Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон, васеъ кардани ҷуғрофияи робитаҳои байниминтақавӣ, татбиқи саривақтии қарорҳои қабулкардаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ амри зарурии рушди иқтисодиёт маънидод гардид.

Бояд қайд намуд, ки мақсади ин ҳамоиш ташкили имкониятҳо барои муколамаи маҳсулнок байни коршиносон ва коркарди қарорҳои амалӣ дар самти сиёсати иқтисодӣ мебошад.

Ҳамин тавр, ҳамоиши илмии сатҳи баланд бо мубодилаи афкори судманд ҳусни анҷом ёфт.

## Конфронс

# ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶИИ КИШВАР



Рӯзи 29-уми сентябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси кафедраи назарияи иқтисодӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: назария ва амалия» баргузор гардид.

Сухани ифтитоҳиро ректори донишгоҳ Хайрзода Ш.Қ. ҳусни оғоз бахшида, таъкид дошт, ки дар низоми сиёсати хориҷии ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз» ва муносиботи дӯстона бо кишварҳои хориҷӣ роҳандозӣ гардидааст, ки барои рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии кишвар мусоидат менамояд. Рӯзҳои 27-28-уми сентябри соли равон баргузории иҷлосияи навбатии сарони давлатҳои ИДМ низ шаҳодат аз он медиҳад ва яке аз масъалаҳои баррасишавандаи он густариши муносибатҳои иқтисодии берунаи ин давлатҳо маҳсуб меёбад. Дар ҳамоиши имрӯзаи илмӣ низ мо тасмим гирифтем, баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии вазъи имрӯзаи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор диҳем, ки аз натиҷаҳои он ба ниҳодҳои дахлдор пешниҳоду тавсияҳои илман асоснок карда мешавад, - гуфт дар охир ректор ва ба кори конфронс оғоз бахшид.

Баъдан Мавзуна Каримова, доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи Институти иқтисодӣ ва демографияи АИ ҶТ дар мавзӯи «Махсусиятҳои фаъолияти савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир» баромад намуд. Гуфта шуд, ки дар савдои хориҷӣ аз ҷиҳати содирот бо давлатҳои хориҷ Қазоқистон дар ҷойи аввал меистад ва 27,1 фоизро ташкил медиҳад, дар ҷойи дувум Туркия аст бо 19,5% фоиз, дар воридоти молу маҳсулот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Федератсияи Россия 32,6% ва Ҷумҳурии Мардумии Чин 20%-ро ташкил медиҳанд. Барои рушди савдои хориҷӣ чораҳои сиёсати тиҷоратӣ қабул гардидаанд, ки бо қабули қонуну барномаҳои муайян танзим карда мешаванд, - гуфт баромадкунанда. Ҳамчунин дар бораи стратегияи рушд ва авлавиятҳои рушди фаъолияти тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шуд.

Сипас Тухфа Усмонова, д.и.и., профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар мавзӯи «Ҳамкориҳои байнидавлатӣ - шарти муҳими таъмини шароити рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» баромад кард.

Мавсуф барқарор шудани муносибатҳои иқтисодию тиҷоратиро байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, ки вусъати тоза гирифтаанд, омили муҳими рушди устувори на танҳо ин ҷумҳуриҳо, инчунин минтақаи Осиёи Марказӣ маънидод кард.

- Динамикаи афзоиши устувору босуръати тиҷорати мол байни ин ду кишвари ҳамсоя худ гувоҳи рушди беназири муносибатҳои иқтисодию тиҷоратианд, ки маҳз ба шарофати талошҳои пайвастаи сарони ин кишварҳо имконпазир гардид, - гуфт Т. Усмонова.

Гуфта шуд, ки гардиши мол байни Тоҷикистону Ӯзбекистон соли 2017 назар ба соли 2015 қариб 7 маротиба афзуда, беш аз 126 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод ва соли гузашта ба 236 миллион доллар расид. Содироти маҳсулот ба Ӯзбекистон якуним маротиба зиёд шуд. Дар шаш моҳи соли равон гардиши мол нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 дарсад (69 миллион доллар) афзуда, $192,6 млн.-ро ташкил дод.

Ин ду кишвар имкон доранд, ки солҳои наздик ҳаҷми гардиши солонаи молро ба 1 миллиард доллар расонанд, - хулоса карданд олимон.

Сипас Наимов М., н.и.с. дотсент, корманди масъули дастгоҳи КМИ ҲҲДТ дар мавзӯи «Ҳадафҳои стратегии ислоҳоти институтсионалӣ ва таҳкими неруи инсонӣ барои рушди давлатдорӣ» ва Эркаев Сафар дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ - омили инкишофи иқтисоди ҷаҳонӣ дар замони ҳозира» баромад карданд.

Дар ҷамъбаст барои рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ниҳодҳои дахлдор пешниҳодҳои илман асоснок карда шуд.

## Конфронс

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ПОЙДОРИИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ



Рӯзи 3 октябри соли равон бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ бо ибтикори кафедраи забони тоҷикии донишгоҳ конфронси илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат - ҳомии забон» баргузор гардид. Дар он олимону коршиносони забони тоҷикӣ аз муассисаҳои илмию пажӯҳишӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар иштирок доштанд.

Ҳамоишро ректори донишгоҳ Шукрулло Хайрзода кушода, аҳли толорро бо Рӯзи забони давлатӣ муборакбод намуда, иброз дошт, ки забон дар пойдорӣ ва ҳастии халқу миллатҳо ҳамеша ҷойгоҳи махсусеро дошт. Маҳз бо дарки арзиши ҳамин манзалат забонро ҳастии миллат, шиносномa ва ё шаҳсутуни аслии он унвон кардаанд. Дар замони соҳибистиқлолӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳомии асосии забони давлатӣ гардиданд. Имрӯз дар тамоми корхонаву муассисаҳо коргузорӣ ба забони давлатӣ буда, забони илм низ забони тоҷикӣ шуд, гуфт ректор.

Баъдан Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, д.и.ф., профессор дар бораи манзалати забони давлатӣ ва нақши Пешвои миллат дар рушди забон андешаҳои хешро баён сохта, дар тақвияти гуфтаҳояш намунае аз ашъори тозаэҷоди худ қироат намуд.

Дар баромади худ Баҳриддин Камолиддинов, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии ДМТ дар бораи баъзе масъалаҳои баҳснокӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони тоҷикӣ истода гузашт. Профессор бо изҳори таассуф таъкид сохт, ки имрӯзҳо забони воситаҳои ахбори омма хеле коста гардидааст, ҳол он ки забони ВАО бояд оинаи забони миллат бошад ва аз он соҳибзабонон забон омӯзанд. Бинобар ин аз тарафи соҳибони забон нисбати он ғамхорӣ бояд зоҳир карда шавад, то ин ки маснади давлатии худро аз даст надиҳад, гуфт дар ҷамъбаст Камолиддинов Б.

Баъдан дар баромади профессори ДДМИТ Шаҳбоз Кабиров дар мавзӯи «Назари кӯтоҳе ба сарнавишт ва мақоми забони тоҷикӣ дар тӯли таърих» дар бораи давраҳои инкишофи забони тоҷикӣ, таҳқиқотҳои осори хаттии забон, мақоми забони тоҷикӣ дар давраи истилои арабҳо ва мансубияти забони тоҷикӣ ба оилаи забонҳои ҳинду аврупоӣ, инчунин вазъ ва мақоми имрӯзаи забони давлатӣ андешаҳо гуфта шуд.

- Давраи соҳибистиқлолӣ марҳилаи навини инкишофи забони давлатӣ маҳсуб меёбад, зеро дар ин давра таҳаввулоти забон бо воридшавии истилоҳоту имлои нав ба забон мушоҳида мешавад, - гуфт Кабиров Ш.

Сипас Маъмура Гулова, устоди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баромад карда, забонро пояи давлатдорӣ номид ва барои безавол мондани ин поя беолоиш нигоҳ доштани забонро муҳим арзёбӣ кард.

Раванди ҷаҳонишавӣ метавонад мавқеи баъзе забонҳоро танг намояд. Дар чунин шароит саҳми чеҳраҳои сиёсӣ дар мондагории забони миллӣ хеле назаррас аст, ба мисли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Худ нутқи баёни таъсирбахши Пешвои миллат ва суханрониашон дар минбарҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба забони ноби тоҷикӣ ин шаҳодати ҳомии воқеии забон будани эшон аст, гуфт баромадкунанда.

Дар охири қисми ифтитоҳии конфронс донишҷӯён дар бораи Пешвои миллат ва забони тоҷикӣ шеърҳо қироат карданд.

Пас аз нисфирӯзӣ конфронс корашро идома дод ва олимони забоншинос дар бораи нақши Пешвои миллат ва мақоми забони тоҷикӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар, асари «Забони миллат - ҳастии миллат» - равшангари бунёди забони тоҷикӣ, таҳким ва пойдории забони давлатӣ дар даврони Истиқлолият, самтҳои асосии дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат оид ба рушди забони тоҷикӣ маърӯзаҳои пурмуҳтаво карданд.

**Омодасози саҳифа**
**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

**Бо даъвати Ҳукумати Япония дар санаи 3-5 октябри соли 2018 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Япония баргузор гардид.**

Бахшида ба Рӯзи муаллимон

# ТАРБИЯИ ИНТИЗОМИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ВАЗИФАШИНОСӢ

## - гарави пешрафт ва маҳсулнокии меҳнат

***Иллат дар чист, ки баъзан иҷроиши қарору фармоиш ва супоришу уҳдадориҳо сари вақт таъмин намегарданд?***

Тарбия, ки падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ мебошад, барои рушди инсон ва умуман барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият замина мегузорад. Тарбия бахри тараққӣ ва пешрафти ҷомеа хизмат менамояд. Аз ин лиҳоз, тарбия ҳамчун фаъолияти махсус бояд бошуурона ва мақсаднок ба роҳ монда шавад.

Ин ҷо мо тасмим гирифтем, ки назари хешро роҷеъ ба тарбияи интизоми истеҳсолӣ (иҷронамоӣ) ва вазифашиносӣ иброз намуда, хусусият, моҳият ва зарурату мубрамияти онро дар шароити муосир қадри имкон шарҳ диҳем.

Интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ маънии интизоми иҷронамоиро ифода карда, мазмуну муҳтавои он иҷроиши сифатноку ботартиби супоришҳои нақшавӣ, дастурҳо, амру фармонҳо ва қарорҳоро дар корхонаю муассисаҳо дар муҳлати муайяншуда дарбар мегирад.

Таҷрибаи бисёрсолаи фаъолияти меҳнатӣ нишон медиҳад, ки баъзан талаботи низомномаҳо, дастурамалҳо, қонуну қарорҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки иҷроишашон дар сатҳи зарурӣ бояд таъмин шавад, иҷронашуда мемонад.

Бояд гуфт, ки риояи нагардидани интизоми меҳнат, вайронкунии қоидаҳои тартиботи дохила, саркашӣ аз супоришу вазифа ва уҳдадориҳои базиммадошта ё худ сари вақт иҷро нагардидани қонуну қоидаҳо, амру супориш ва фармоишҳо аз ҷониби бархе мутахассисон дар ташкилоту муассиса ва корхонаҳо аз костагии тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ дарак медиҳад.

Дар ниҳодҳои иҷтимоӣ - оила, муассисаҳои таълимӣ вақте ба фарзанд, толибилм вазифа ё супориш дода мешавад, ба сатҳу сифат, вақти иҷроиш, дараҷаи фаҳмиш ва ғайра эътибор дода, аз рӯйи он назорати ҳамешагӣ бурдан шарти асосӣ ба шумор меравад. Онҳоро бо ҳамин тарзу шеваи корбарӣ ва талабот одат кунонида, донишу малака, маҳорат ва қобилияту салоҳиятнокиашонро бояд ташаккул дод.

Бо мақсади амиқу равшантар сохтани моҳияту вижагиҳои махсуси тарбияи интизоми истеҳсолию вазифашиносӣ ва дарки он дар шуури шахс як қатор сифатҳоеро, ки хоси ҳамин тарбияанд, ишора менамоем. Аз ҷумла, масъулиятшиносӣ, ҷавобгарӣ, иҷрои сарибвақтии амру супоришҳо, рафтору муносибати поку боваҷдонона, содиқона, софдилона, эҳтиром гузоштан ба худ, коллектив ва роҳбар, ба қадри вазифа расидан, боварӣ ба худ, муътақидӣ (принсипнокӣ), устуворӣ ва қатъият, тавоноӣ, уҳдабароӣ, арзиши вақт ва сарфаи он, дилгармӣ ба кор ин ҳама аломат ва сифатҳоеанд, ки тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ талаб менамояд. Дар ин замина бахри ташаккул ёфтани шахсияти меҳнаткарини даврони муосир хизмат мерасонанд.

Ҳар қадаре ки ташкили кор беҳтар ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар дараҷаи интизоми истеҳсолӣ ва иҷроиш, новобаста аз ҳаҷми кор, баланд мегардад. Дар ин баробар, дилхоҳ корхона низ ба комёбиву дастовардҳо ноил гашта, ҷомеа рушд кардаву пеш меравад. Дар робита ба ин гуфтаҳо моро лозим меояд, ки дар коргоҳамон бо вайронкунандагони интизоми иҷронамоӣ пайваста кор барем.

Меъёри асосии баҳогузории кори иҷрошударо асосан риояи муҳлат, иҷроиш, сифат ва ҳаҷми кор муайян менамояд. Мураттабӣ, муназзамӣ, покизакорӣ, дақиқназарӣ инҳо сифатҳоеанд, ки вазифашиносӣ ва интизоми иҷронамоиро нишон медиҳанд.

Ба ҷуз он ки ба фаҳми вазифашиносӣ расидан кори ҳар як корманд дар корхона аст, ҳамзамон вазифашинос будану шартҳои онро риоя намудан ба ҳар фарди ҷомеа басо зарур аст. Дар муҳтавои ин тарбия, асосан, тарбияи вазифашиносии шахсони масъул, мансабдор ва тарбияи ашхоси роҳбарикунанда дар назар дошта мешавад. Ин мафҳумро метавон тарбияи хизматӣ ҳам ном бурд. Яъне, вобаста ба он ки корманд дар муассиса, корхона ва ягон ширкати ватанию хориҷӣ кору фаъолият мебарад, ҳамчунин баробари дар сари вазифа қарор доштан, ӯ бояд вазифашинос бошаду худро масъули вазифа ҳисобад. Талаботи низомнома ва дастурамали вазифавии кори худро хуб донад, дар асоси қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ корро дуруст ба роҳ монад.

Ногуфта намонад, ки ҳолатҳои мунтазами иҷро накардани кору супоришҳо барои даст задан ба амалҳои коррупсионӣ, фасод, сӯиистифода аз мансаб ё вазифа имконият ва шароит муҳайё месозанд, ки дар натиҷа ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон поймол мегарданд.

Дар фаъолияти роҳбарӣ истифодаи принсипҳои авторитарӣ, демократӣ, тоталитарӣ хеле маъмуланд. Пешбарии фаъолият аз рӯйи ин принсипҳо аз назари равонӣ, асосан ба табъ, хислат, менталитет, ташкилотчигӣ ва сатҳи ҷаҳонбинии роҳбар рабт дода мешавад. Бояд гуфт, ки дар шароити ҳозира коргирӣ аз принсипҳои демократӣ дар фаъолияти меҳнатӣ муҳити солимро эҷод карда, барои расидан ба муваффақияту дастовардҳои мақсаднок мусоидат мекунад.



Ба ҳайси роҳбар ифои вазифа намуда, вазифа, кор ва нозукиҳои соҳаро надонистан ба нокомиҳо, ба эҷоди монеа дар пешравию комёбиҳо бурда мерасонад. Зинаҳои хидматиро нагузашта, якбора ба вазифаи масъулиятнок пешбарӣ ва таъйин гардидани шахс, камдонишию камтаҷрибагӣ, доираи ҷаҳонбинии маҳдуд ва кофӣ набудани маънавиёти ӯро нишон медиҳад. Агар ҳамин тавр бошад, пас ба сифати роҳбари ягон сохтор таъйин шудан замон, ӯро зарур аст, ки дар сатҳи даркорӣ аз талаботи оиннома, низомнома, дастурамали вазифавӣ ва дигар қонунҳои амалкунандаю санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа хешро ҳатман воқиф гардонад.

Илова ба ин, аз фарҳангу одоби муошират, муносибат бо зердастону атрофиён, таҳаммулнокӣ ва ғайра огаҳ буда, саъй намояд, ки дар қабули қарору фармоишҳо камбудӣ содир накунад. Як сухану амали ноҷо ва беэътиноӣ нисбати ин ё он таклифу пешниҳоди судманд ва созандаи аҳли меҳнат ё ашхоси алоҳида метавонад нуфузу эътибори вазифадорро коста гардонад. Дар ҳар сурат, ба ҷо овардани иззату икроми роҳбар аз сӯйи аҳли меҳнат, асосан, аз худи ӯ вобаста аст.

Умуман, барои роҳбари муваффақ шудан, на танҳо масъулияти баланд, эҷодкору навовар будан кофист, балки ғамхору дастгир, ҳалиму сахтгир ва серталаб будан шарт аст. Сифатҳое, ки зикрашон кардем, салоҳиятнокии роҳбарро нишон дода, бархӯрдорӣ аз онҳо вазифашиносии ӯро мукаммалтар месозанд.

Чун тарбия категорияи педагогӣ асту он унсурҳои зиёд дорад, тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносиро ҳамчун унсури муҳимми тарбияи шаҳрвандӣ дар барномаҳои тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ ҷой додаву бароҳмонӣ ва омӯзиши онро тавассути машғулиятҳои таълимӣ, алалхусус дар соатҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҷоиз медонем.

**(Давом дорад)**

**НОСИРОВ С.Ш.,**
**Аълочии маориф ва илм,**
**Аълочии фарҳанги Тоҷикистон,**
**Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон**

# ИҶРОИШИ НАҚША - 94,5%

Чанд сол аст, ки қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Дар соли 2018 41300 нафар довталаб Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро дар вақти бақайдгирӣ дар Маркази миллии тестӣ интихоб намуданд, ки дар байни муассисаҳои олии кишвар донишгоҳи мо дар ҷойи 7-ум қарор дошт.

Раёсати донишгоҳ барои ҷалби довталабон шурӯъ аз моҳи феврали соли 2018 устодонро ба вилояту ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои мулоқот бо хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва махсус сафарбар кард. Чун анъана, дар донишгоҳ «Рӯзи дарҳои кушод» низ гузаронида шуд, ки дар он хатмкунандагони мактабу литсейҳо аз шаҳри Душанбе ва навоҳии атрофи он иштирок намуданд. Инчунин эълонҳо оид ба қабули довталабон тавассути ВАО мунташир гардид.

Тибқи замимаи иҷозатнома дар соли таҳсили 2018-2019 ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 1825 ҷой барои довталабон аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда буд, ки дар асоси нақшаи қабул ба гурӯҳҳои буҷавӣ 300 нафар ва ба гурӯҳҳои шартномавӣ 1525 нафар (дар шуъбаи рӯзона 1071 нафар ва дар шуъбаи ғоибона 450 нафар) муқаррар мегардад.

Мувофиқи нақшаи қабул ба гурӯҳҳои рӯзонаи буҷавӣ ба ҷойи 300 нафар 301 нафар қабул карда шуд ва ба гурӯҳҳои рӯзонаи шартномавӣ ба ҷойи 1071 нафар 1060 нафар донишҷӯ қабул карда шуд, ки иҷроиш 99%-ро ташкил дод. Аммо дар гурӯҳҳои фосилавӣ ба ҷойи 450 нафар 352 нафар донишҷӯ шомил гардид, ки иҷроиш 78%-ро ташкил дод. Иҷроиши нақшаи қабул дар соли 2018 ба 1725 нафар расида, ба 94,5% баробар шуд, ки нисбат ба соли гузашта 2,1% зиёд мебошад.

Кори комиссия дар самти қабули довталабони хориҷӣ имсол пурсамар буда, аз кишварҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон беш аз 240 нафар донишҷӯ ба донишгоҳ дар шуъбаҳои рӯзонаву ғоибона қабул карда шуданд. Махсусан, дар масири дӯстии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад, имсол ба ДДМИТ 180 нафар довталаб донишҷӯ шуданд.

Комиссияи қабул дар зинаи магистратура аз рӯйи 13 ихтисос қабули магистранторо ба роҳ монд, ки нисбат ба соли гузашта 1 ихтисоси нав - идоракунии молияи давлатӣ зиёд карда шуд. Ба комиссия 187 ҳуҷҷат пешниҳод шуда, аз ин 137 нафар ба гурӯҳҳои буҷавӣ ва 71 нафар ба гурӯҳҳои шартномавӣ дохил шуданд, ки иҷроиши нақшаи қабул 76,3 фоизро ташкил намуд.

Дар соли таҳсили 2018-2019 барои ҳафт ихтисоси маълумоти олии дуюми касбӣ 115 нафар донишҷӯ дар гурӯҳҳои шартномавӣ қабул карда шуд, ки нисбат ба соли таҳсили 2017-2018 қабули довталабон дар зинаи таҳсилоти олии дуюми касбӣ 17% зиёд мебошад.

Ҳамин тавр, дар соли нави таҳсил нақшаи қабул иҷро гардид. Донишҷӯёни соли аввалро мебояд, ки дар таҳсил ва иҷрои вазифаҳои донишҷӯӣ пурмасъулият ва сазовори ин таълимгоҳ бошанд.

**Асадулло МУЛЛОҶОНОВ,**
**котиби масъули**
**комиссияи қабули ДДМИТ**

Ҳушдор

# ТАРТИБИ ХОРИҶ НАМУДАН

## аз сафи донишҷӯён

Мувофиқи моддаи 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад:

- бинобар вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ;
- ба сабаби гузаштан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;
- барои давомоти нокифоя (зиёдтар аз 36 соат дар як нимсола);
- барои қарздории академӣ;
- ба таълим шурӯъ накардани донишҷӯ баъд аз рухсатии академӣ;
- дар сурати саривақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома;
- бо сабаби дар муҳлати муқарраргардида насупоридани се ва ё зиёда аз он санҷишу имтиҳонҳо;
- барои содир кардани ҷиноят;
- барои вайрон кардани раванди таълиму тарбия, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

**Бо қарори мушовараи Вазорати маорифи ҶТ аз 08.02. 2006с. №3\6 тасдиқ карда шудааст.**

**Ҷоизаи 50-уми Нобелӣ дар соҳаи иқтисодиёт насиби олимони ИМА Уилям Нордхаус барои «ҳамгироии тағйирёбии иқлим дар таҳлили дарозмуддати макроиқтисодӣ» ва Пол Ромер барои «ҳамгироии технологияи инноватсионӣ дар таҳлили дарозмуддати макроиқтисодӣ» гардид.**

**Бахшида ба Рӯзи муаллимон**

ҶОМЕАЕ, КИ БА АҲЛИ МАОРИФ, БА УСТОД, ОМӮЗГОР, ЗИЁӢ ЭҲТИРОМ НАМЕГУЗОРАД, БА ПЕШРАФТ МУВАФФАҚ ШУДА НАМЕТАВОНАД.

Эмомалӣ РАҲМОН

# ПРОФЕССОР НУРУЛЛО УСМОНОВ: «ҲАЁТАМРО БЕ ИЛМ ТАСАВВУР КАРДА НАМЕТАВОНАМ»

## МУАРРИФНОМА

**Усмонов Нурулло 15-уми июли соли 1937 дар деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна ба факултети математикаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) дохил шуда, онро соли 1961 хатм намудааст. Се сол дар мактаб-интернати комплексии республикавии Луҷоб ба сифати тарбиятгар ва муаллими математика фаъолият карда, соли 1964 ба аспирантураи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе дохил мешавад. Баъди хатми аспирантура дар ҳамин муассиса ба сифати муаллими калон фаъолияташро идома медиҳад. Соли 1975 дар мавзӯи «Ҳолатҳои махсуси масъалаҳои канории назарияи функсияҳои аналитикӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя менамояд. Солҳои 1977-1987 дар вазифаҳои мудири кафедраи геометрия ва солҳои 1988-2002 декани факултети метематикаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанберо бар ухда дошт. Соли 2002 дар мавзӯи «Масъалаҳои канории сингулярии ҳамроҳшуда» рисолаи докторӣ ҳимоя менамояд.**

**Барои хизматҳои шоён дар таълиму тарбияи ҷавонон бо нишони сарисинагии «Аълочии маорифи СССР», «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва унвони «Корманди шоистаи Тоҷикистон» сазовор шудааст.**

**Аз соли 2002 то имрӯз профессори кафедраи математикаи олии ДДМИТ буда, муаллифи 3 китоби дарсӣ, 8 васоити таълимӣ ва 250 мақолаи илмию методӣ мебошад.**



*Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли нав хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт, гуфтааст донишманде. Бубинед, ки хизмати омӯзгор дар ташаккули шахсияти инсон чӣ қадар бузург аст. Дар урфият низ як ҳикмати хеле арзишманд ҳаст, ки мегӯянд: «Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар». Воқеан, устод, муаллим, омӯзгор шахси барӯмандест, ки дар баробари волидони мунису ғамхор касро олами маънӣ мебахшад. Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии маҳфилҳо, тарбияи шогирдони баркамол маҳз ба заҳмати шабонарӯзии омӯзгор вобастагӣ дорад. Омӯзгор рисолати душворро ба зимма дорад, дар зиндагии пур аз розу ниёз инсонро тарбият менамояд, илм меомӯзонад, ки ин чандон кори осон нест. Муаллим ибратомӯзест, ки ҳар каломи ҳар қадамаш саропо ибрати соҳибдилон аст. Дар арафаи Иди омӯзгорон суҳбате доштем бо як нафар чеҳраи намоёни илмиву ҷамъиятӣ, омӯзгори асил, олими пурмаҳсул ва умуман, инсони комилу масъулиятшинос, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нурулло Усмонов. Устод аз зумраи шахсиятҳоест, ки бо кору пайкор, андешаву рафтор ва фаъолияти густурдааш ба халқу кишвари хеш хизмати шоиста карда, шогирдони зиёдеро дар соҳаи илм риёзиёт омода намудааст.*

**- Устоди арҷманд, пеш аз ҳама, Шуморо бо Рӯзи муаллимон муборакбод мегӯем, бароятон тансиҳатӣ, хонаободӣ ва амалишавии тамоми орзуҳоятонро хоҳонем. Воқеан ҳам, касби омӯзгорӣ ҷонфидоию азхудгузаштанҳоро талаб мекунад. Ба фикри Шумо, подоши ин ҳама заҳматҳо чӣ буда метавонад?**

- Дар ҳақиқат, касби омӯзгорӣ ҷонфидоиро талаб дорад. Аммо ин касби душвору пурмашаққат натиҷахои фараҳбахш медиҳад. Вақто ки омӯзгор шогирдони худро дар соҳаҳои гуногун муваффақ ва дар ҷомеа мавкеъ пайдонамуда мебинад, худро хушбахт меҳисобад, зеро медонад, ки ҳамаи ин бар подоши заҳматхои ӯ рӯйи кор омадааст. Ё ин ки лаҳзахое мешаванд, ки ягон шогирдам дар рӯзҳои ҷашну мавлудам аз ман ёд мекунаду занг мезанад ва ё ба аёдатам меояд, дар ин маврид аз омӯзгор буданам фахр мекунам.

**- Рисолати асосии омӯзгорро дар чӣ мебинед?**

Вазифаи асосии омӯзгор ба шогирдон дониш додан, ҳаваси онҳоро ба донишу маърифат бедор намудан, инчунин онҳоро ба одобу услуби ҳамида, бо ҳисси ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия намудан аст, яъне рисолати омӯзгор тарбияи инсони комил аст. Аз ин рӯ, дар ниҳоди шогирд тарбия намудани беҳтарин фазилатҳои инсонӣ кори саҳл набуда, ба роҳи рост талқин намудани ӯ вазифаи аввалиндараҷаи муаллим ва мураббист.

**- Фанни математикаро шоҳи фанҳо мегӯянд, андешаи Шумо дар ин бора ва чаро маҳз ҳамин фанро интихоб кардед ва ба пажӯҳиши он пардохтед?**

- Дар ҳақиқат, математика шоҳи фанҳост, чунки маҳз ин фан инсонро барои фикр кардан водор месозад ва дар ниҳоди шогирд ҳусусиятҳои тобовариро ба душвориҳову монеаҳо ташаккул медиҳад. Худи математика дар асоси талаботи рӯзафзуни инсоният ба вуҷуд омадааст ва вобаста ба талаботи инсоният тараққӣ мекунад. Ҳамаи кунунияти иқтисодӣ ба воситаи моделҳои математикӣ ифода карда мешаванд. Ягон соҳае нест, ки дар он математика истифода нашавад.

Беҳуда нест, ки бузургони ҷаҳон Хайём, Берунӣ, Хоразмӣ, Сино математикаро дӯст медоштанд ва барои рушди он саҳми арзанда гузоштаанд.

**- Чун устоди устодон шогирдҳои зиёде омода намудаед. Таваҷҷуҳи олимони ҷавони имрӯзаро ба илм чӣ гуна арзёбӣ менамоед? Мавқеи илм дар зиндагии Шумо.**

- Дар муддати солҳои тӯлонӣ шогирдони зиёдеро тарбия намуда, ба соҳаҳои гуногун равона намудаем, ки онҳо бомуваффақият фаъолият доранд. Хурсандиовар он аст, ки дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ, агар сафар кунам, ҳатман ду-се шогирд пайдо шуда, дар бораи хизмати банда дар камолоти эшон бо муҳаббат сухан мегӯянд. Олимони ҷавонро чӣ гуна тарбия намудан ба маҳорати устод вобаста аст. Шогирдро бахудаю беҳуда сарзаниш кардан лозим нест. Барои муваффақиятҳояш рӯҳбаланд намудан ва дар ҳангоми зарурат, агар дар омӯзиши илм танбалӣ кунад, танбеҳ додан мумкин. Танбеҳро тарзе додан лозим, ки онҳо аз илм дилхунук нашаванд.

Дар раванди кориам пайваста фаъолияти омӯзгориро бо омода намудани олимони ҷавон пайванд мекардам. То ин дам 7 нафар шогирдро роҳбарӣ намуда, ба гирифтани унвони илмӣ - номзади илмҳои физика-математика сазовор гардонидаам. Дар айни замон 3 нафар шогирдам рисолаҳои номзадиашонро ба итмом расонида, барои ҳимоя дар навбат истодаанд.

Илм барои олим ҳамчун шамъи рӯшноидиҳанда дар дил мебошад. Вақте ки ягон масъалаи илмиро ҳал кунед, як муддат худро болида ва пуркувват ҳис мекунед. Тадқиқоти илмӣ ҳама вақт ба инсон рӯҳи тоза мебахшад. Ман ҳаётамро бе илм тасаввур карда наметавонам.

**- Инсонро дарки маънии зиндагӣ ва ҷаҳду талош барои анҷоми рисолаташ ба саодат мерасонад. Аслан, барои инсон мавкеъёбӣ дар ҷамъият ва доштани оилаи ободу фарзандони наку ин хушбахтист. Шумо чӣ андеша доред, худро хушбахт меҳисобед?**

- Банда дар ҳаёт худро хушбахттарин шахс меҳисобам, чунки ба ҳамаи ормону ниятҳои некам расидаам. Худоро шукр, ки оилаи ободу фарзандони солеҳ дорам ва аз гармии лутфу муносибати самимию муҳаббати наздиконам лаззат мебарам. Ҳамсарам зани оқилаю меҳрубон буда, бисёр фарҳангист. Ӯ муаллимаи фанни таърих ва тамоми ҳаёти худро ба кори хайр, ба тарбияи насли наврас бахшидааст. Ман падари 7 фарзанд, панҷ писару ду духтар мебошам, ки ҳамаашон дорои маълумоти олианд ва дар вазифаҳои гуногун ифои вазифа доранд - Солеҳҷону Парвиз - иқтисодчӣ, Фирдавсу Некрӯз - муаллим, Далер - ҳуқуқшинос, духтаронам Назира ва Зарина ҳам иқтисодчиянд. Соҳиби 13 набера ва як абера ҳастам.

**- Ба омӯзгорон ва олимони ҷавон чӣ тавсияҳо медиҳед?**

- Ба омӯзгорон ва олимони ҷавон тавсия медиҳам, ки бояд касби интихобкардаашонро дӯст доранд. Аз душвориҳо рӯҳафтода нашаванд ва фаъолияти педагогию илмии худро бо кӯшишу ғайрати дучанд идома диҳанд.

**- Дар бораи нақшаҳоятон каме сухан мегуфтед.**

- Ният дорам, ки дар оянда низ дар омода намудани олимони ҷавон саҳм дошта бошам. Зеро таваҷҷуҳ ба илмҳои дақиқ имрӯзҳо ҳам аз тарафи давлату Ҳукумати кишвар ва ҳам аз тарафи ҷавонон эҳсос мегардад. Инчунин навиштани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ барои мактабиён ва донишҷӯёно дар нақша дорам. Умуман, меҳоҳам то тавоон дорам дар рушди илм ва таълиму тарбияи насли ҷавон саҳм дошта бошам.

Мусоҳиб
Машҳураи НЕЪМАТЗОД

**Дар ҳашт моҳи соли равон зиёда аз 60 ширкати нави сайёҳӣ таъсис ёфта, дар маҷмӯъ, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон ба 140 адад расид.**

# ҶАВОНОНИ ДДМИТ ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМРО МАҲКУМ МЕНАМОЯНД

**Боиси хушнудист, ки кишвари соҳибистиқлоли мо - Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ обрӯ ва нуфузи худро устувор гардонида, яке аз амнтарин кишварҳои минтақа эътироф гаштааст. Баргузории як қатор саммиту чорабиниҳои сатҳи баланди байналхалқӣ ва афзудани рейтинги кишвари мо дар соҳаи сайёҳӣ гувоҳи ин гуфтаҳост. Мутаассифона, ҳизбу ҳаракатҳое ҳастанд, ки мехоҳанд монеаи пешравӣ ва ободии сарзамини мо гарданд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои нопоки худ аз роҳу воситаҳои гуногун истифода мебаранд. Мо бо чанде аз донишҷӯёни донишгоҳ ҳамсуҳбат гаштем ва андешаҳои онҳоро нисбат ба ин масъала пешкаши хонандагон менамоем:**



**Ғоиб Исоев - донишҷӯи курси 1, факултети иқтисод ва бизнес:**

- Терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ҷаҳони имрӯзаро фаро гирифтааст. Хусусан, дар Ховари Миёна ва Шарқи Наздик ҳизбу ҳаракатҳои гуногун пайдо ва боиси ноороми ҷомеа гаштаанд. Яке аз чунин гурӯҳҳои террористӣ «Давлати исломӣ» мебошад, ки аз амалҳои номатлуб, қатлу куштор даст намекашанд.

Чанде пеш дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон сайёҳони хориҷӣ мавриди ҳамлаи террористон қарор гирифтанд. Ин амали номатлуб ба хотири латма задани нуфузи кишвари мо буд. Ин амали худро зери ливои «Давлати исломӣ» анҷом додаанд. Дар ҳоле ки дини ислом инсонро бо роҳи рост, некию накукорӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ ҳидоят менамояд.

Боиси таассуф аст, ки бархе аз ҷавонони тоҷик ба доми чунин гурӯҳҳои террористӣ афтодаанд. Аз ин рӯ, аҳли солимфикри ҷомеаро зарур аст, ки бар муқобили чунин гурӯҳҳо ва шахсон мубориза баранд.

**Сафарбек Ҳамидов - донишҷӯи курси 3, факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ:**



- Террорист Ватан, миллат, фарҳанг ва дин надорад. Ин нафарон мехоҳанд идоракунанда бошанд ва мақсадҳои нопоки худро бо роҳҳои тарсонидан, зӯроварӣ ва ҳатто куштор амалӣ намоянд. Ба ҳамагон маълум аст, ки чунин ҳаракатҳои ифротгароӣ аз тарафи сокинони осоиштаи сайёра маҳкум карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун узви комилҳуқуқи СММ бар зидди терроризм ва экстремизм мубориза беамон бурда, чораҳои ҳадафмандонаеро барои пешгирии он андешидааст.

Амали нангине, ки моҳи июли соли равон дар ноҳияи Данғара ба вуқӯъ пайваст, аламовар буд. Он ҷавонон, мутаассифона, ба хоҷагони хориҷии худ зархарид гашта, ба Ватан хиёнат намуданд. Ҳукумати кишвари мо дар робита ба ин масъала зуд чораҳои зарурӣ ва фаврӣ андешид. Ҷинояткорони гумроҳ дар муддати кӯтоҳ дастгир ва безарар карда шуданд. Ин бори дигар мо ҷавононро ҳушдор медиҳад, ки фирефтаи дасисаҳои гурӯҳҳои ифротгароӣ нашуда, ҳаёти худро қурбони нақшаҳои ғаразноки онҳо насозем.

**Матлуба Олимова - донишҷӯи курси 2, факултети молия ва қарз:**

- Имрӯз терроризм ва экстремизм ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид менамояд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд, терроризму экстремизм барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ҳастаиро ба миён овардааст. Бо эълон гаштани Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ сафи сайёҳони хориҷӣ ба кишварамон афзун гардид. Вале, мутаассифона, комёбиҳои Тоҷикистони соҳибистиқлолро баъзе аз нафарон дида натавониста, барои рехтани обрӯи кишварамон хостанд нақшаҳои нопоке амалӣ намоянд.

Одатан, ҷавононе, ки аз лиҳози зеҳнӣ ва ақлонӣ рушд наёфтаанд, ба ин ҷараёнҳо ҷалб мешаванд. Тарафи дигари масъала ин аст, ки муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ба Россия боиси афзоиши ҷавонони аз назоратмонда шудааст. Ҷавонони муҳоҷир бештар ба доми гурӯҳҳои террористӣ меафтанд ва барои ин аз шабакаҳои интернетӣ истифода мебаранд. Аз ин хотир, ҳар фарди солимақл набояд нисбат ба ин масъалаҳо бетарафӣ зоҳир намояд.



**Мунис Ойев - донишҷӯи курси 3, факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт:**



- Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишвари моро ба ташвиш овардааст, терроризм ва экстремизм мебошад. Ин зуҳурот боиси бавуҷудоии равванд ва оқибатҳои ваҳшатангез, таҳдид, истифодаи зӯроварӣ, барангехтани низои миллӣ, бенизомии иҷтимоӣ ва динӣ мебошад. Гурӯҳҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ҷавононро бо ҳар роҳу восита ба сӯйи худ мекашанд. Пеш аз ҳама, психологияи ҷавононро омӯхта, бо ҳамон тарз ва усуле, ки мувофиқи ақидаи ҳамон ҷавон аст, амал менамоянд. Ба ашхосе, ки бештар ба масъалаҳои исломӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ менамоянд, бо усулҳои ваъда ба ҷиҳод ва зиндагии босаодати пас аз марг ҷалб намуда, онҳоро фирефтаи ваъдаҳои бардурӯғ менамоянд. Заифии тафаккури ҷавонон ба онҳо имкон медиҳад, ки онҳоро зуд ба дом афтонанд.

Зиёда аз 27 сол мешавад, ки мардуми ватандӯсту ватанпарвар дар фазои озоди Тоҷикистони биҳиштосо зиндагии саодатмандона бурда, пайи омӯзиши илмҳои замон, касбҳои гуногун ва пешрафту тараққиёт равонанд. Ин ҳама пешрафт ва авҷу густариш аст, ки хоинону душманони хунхори миллатро ба ваҳшат овардааст. Душманон тамоми роҳу равишҳои нопоки худро истифода бурда, дар пайи зарар расонидан талош мекунанд. Мо мардуми шарифи кишвар бояд ба ҳеҷ як гурӯҳ ё ташкилот имкон надиҳем, ки моро заиф ва нотавон ба назар гиранд.

**Юсуф Муродов - донишҷӯи курси 3, факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ:**

- Боиси таассуф аст, ки имрӯзҳо бархе аз гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ мехоҳанд оромии кишвари моро халалдор созанд ва барои ноил шудан ба амалҳои нопокашон кӯшиш менамоянд, ки аз ҷавонону наврасони гумроҳ истифода баранд. Мисоли ин гуфтаҳо, ҳодисаи нангини куштори сайёҳони хориҷӣ дар ноҳияи Данғара мебошад. Ҳарчанд миллати тоҷик чун миллати фарҳангсолору меҳмондӯст эътироф гаштааст, вале мутаассифона, ин амал таъсири худро ба рушди соҳаи сайёҳӣ мерасонад. Хоинон тавассути ин амал хостанд обрӯи Тоҷикистонро коҳиш диҳанд. Мо ҷавонони хештаншиносро лозим аст, ки барои пешгирии чунин амалҳои номатлуб масъул бошем ва исбот намоем, ки Тоҷикистон амнтарин ва меҳмондӯсттарин кишвари олам аст.



**PS: Тавре аз суҳбат бо ҷавонон огоҳ шудем, яке аз роҳҳои асосии мубориза бо ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ тақвияти муколамаҳо, бештар барпо намудани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ ва баланд бардоштани ҳисси худогоҳии миллист. Аз ин хотир, дар ниҳоди ҳар яки онҳо бедор намудани ҳисси худшиносии миллӣ бояд ба вазифаи ҷонии ҳар фарди масъули ҷомеа табдил ёбад.**

**Мусоҳиб**
**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА**

# ЗАБОН - МУҚАДДАСТАРИН РУКНИ МИЛЛАТ

Ҳастии ҳар як халқу миллат, пеш аз ҳама, ба забони ӯ вобаста аст. Забон ин шиносномаи миллат ва сарвати беназири ҳар як халқу давлат аст. Забон воситаи муошарати байни инсоният ба ҳисоб меравад. Оид ба забон ва аҳамияти он дар ҷаҳон нависандагон, адибону мутафаккирон ва шоирон матлаби фаровонеро ифшо кардаанд. Забони модарӣ лафзи бузургу муқаддасест, ки барои ҳар як инсони комил баробари пайдо шудани ҷон дар ҷисми ӯ пайдо мегардад.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимаи дунё ба ҳисоб рафта, таърихи қадима дорад. Имрӯз ин забони муқаддасро чун забони бузурги тамаддуни башарӣ мешиносанд. Вазифаи ҳар як тоҷикзабон, пеш аз ҳама, барои поку беолоиш ва тоза нигоҳ доштани забони модарии хеш саҳмгузор будан аст. Ҳар як инсон пеш аз оне, ки ба забони дигар сухан меронад, аввал бояд донандаи хуби забони модарии хеш бошад. Дуруст аст, ки агар кас забони модариашро донад, омӯхтани дигар забонҳо бараяш осон мегардад. Аз ин хотир, гуфтаанд:

**Ҳар кас ба забони худ**
**сухандон гардад,**
**Донистани сад забон (ш)**
**осон гардад.**

Мо, насли имрӯз, аз он хушбахтем, ки забони модарии мо мақоми давлатӣ дорад. Ҳанӯз 22 июли соли 1989 забони тоҷикӣ мақоми давлатиро касб намуда буд. Ин бори дигар ғанӣ будани фарҳанг ва забони моро ифода менамояд. Ҳоло бошад, ҳамасола 5 октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ қайд карда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳомии забони давлатӣ буда, дар ҳамаи баромадҳояшон мо насли ҷавонро ба покиза нигоҳ доштани забон даъват менамоянд. Чӣ тавре, ки Пешвои миллат гуфтаанд: “Забони тоҷикӣ поянда аст, то даме ки миллати тоҷик ҳаст, забони ӯ низ пойдор хоҳад буд”. Воқеан ҳам мо миллати хушбахтем, ки дорои чунин забони бузургем ва вазифаи ҷонии мост, ки онро чун муқаддасот арҷгузорӣ намоем.

**Парвиз ШАРИФОВ,**
**донишҷӯи курси 2, факултети молия ва қарз**

**Футбол: дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-16) дар Чемпионати Осиё сазовори медали нуқра гардид.**

**Мо бояд забони давлатиамонро мисли оинаи поку пурҷило нигоҳ дорем ва онро аз ҳар гуна олоишу омехтагиҳои нозаруру ғайриматлуб ҳифз намоем.** **Эмомалӣ РАҲМОН**

# ЗАБОН - КАЛИДИ ДОНИШ ВА МАЪРИФАТ

Боиси хурсандӣ ва сарфарозист, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифта, дар тамоми дунё дар минбарҳои баланд аз забони Пешвои муаззами мо садо медиҳад. Ба омӯзиш ва таълими забони давлатӣ имрӯзҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар тадриси он тамоми имконияту шароитҳо истифода бурда мешаванд. Чанд сол аст дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ низ донишҷӯён, новобаста аз рӯйи ихтисос, фанни забони тоҷикиро меомӯзанд.

Забон воситаи муҳимтарин алоқаи гуфтугӯи байни одамон аст, ки бо он муошират мекунанд ва фикру ақидаи якдигарро мефаҳманд. Аз рӯзе, ки Худованд Одам ва Момохаворо офарид, дар қатори дигар узвхо, забонро низ офарид, то ки онҳо бо якдигар изҳори муҳаббат намоянд, ҳурмату эҳтироми якдигарро ба воситаи забон ба ҷо оваранд. Мо низ забонро барои сухани нек ва изҳори меҳру муҳаббати инсонӣ бояд истифода барем.

Забонро пояи асосии миллат меноманд, ки бесабаб нест. Забони ҳар як миллат ё халқ номи он ҳисоб меёбад. Забон ифшогари ҷаҳони ботинии инсон аст. Чӣ будани одам дар рафтору кирдор, илму фарҳанг махз ба туфайли забони ӯ муайян мешавад. Гӯянда то сухане нагӯяд,



кӣ будани ӯ маълум намешавад. Дар ҳамин маврид Абдулқодири Бедил мегӯяд:

Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад,

Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад.

Дар ҳақиқат, мо шоҳиди он гардидаем, ки бетамизиҳои мардум ва ҷангу ҷадалҳо аз сухан пайдо шуда, бо сухан боз сулҳ ба миён омадааст. Мисоли равшани ин гуфтаро мо аз забон, сухан ва муносибати неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шунидаем. Роҳбари давлат тавонистанд дар муддати хеле кӯтоҳ бо сухану рафтори нек чандин ҳазор гурезагони тоҷикро ба Ватани аҷдодӣ баргардонанд.

**Шунидам, ки бошад**
**забони сухан,**
**Чу алмоси буррону**
**теғи кухан.**

**Сухан бифканад**
**минбару дорро,**
**Зи сӯрох берун кашад морро.**

Бубинед, сухан чӣ қудрати тавоное доштааст, ки ҳатто морро, ки дар адабиёт душмани инсон тасвир меёбад ва воқеан ҳам хазандаи заҳрогин аст ва бо як заҳр задан метавонад моро нобуд созад, аз сухани хуб аз хонааш бурун меорад. Дар ҳақиқат, агар мо забонро танҳо барои сухани неку муносибати хуб кор фармоем, Тоҷикистони азизи мо обод мегардад.

Мегӯянд, ки аз одами нек бояд чаҳор чиз боқӣ монад: якум фарзанди нек, дуюм қаср ё биное, сеюм боғ ва чаҳорум китобе. Мо бояд кӯшиш намоем, ки фарзанди нек боқӣ гузорем, чунки фарзанди нек ояндаи ҷамъияти моро ташкил медиҳад. Ҷавонони имрӯза бояд бештар китоб, рӯзномаву маҷаллаҳоро мутолиа намоянд, зеро забон омӯхтан, инсони комил шудан, танҳо аз хондан ва омӯзиши пай дар пай маншаъ мегирад.

Боқӣ, ба ҷавонон, ки ояндаи миллатанд, барои бо забони ноби тоҷикӣ тоза сухан гуфтан барор меҳоҳам.

**Суханҳои накуро ёд медор,**
**В-аз он дар пеши худ**
**устод медор.**

**Наргис АСЛОНОВА,**
**профессори кафедраи**
**забони тоҷикӣ**

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ЗАБОН



Забон рукни асосии давлатдории ҳар як миллату халқият ба ҳисоб меравад. Зеро забон, бешубҳа, таҷассумгари таърихи пуршебу фарози ҳар як миллату халқият аст. Забони тоҷикӣ дар қатори дигар забонҳои миллӣ таърихи тӯлонӣ дошта, давраи нави инкишофи он аз асри VII-VIII оғоз шудааст. Забони тоҷикӣ дар замони ҳукмронии давлатдории миллии тоҷикон - Сомониён ба авҷи тараққиёти худ расида, ба ҳайси забони давлатӣ эълон мегардад ва тамоми коргузориҳои давлатӣ бо ин забон сурат мегирад.

Дар баробари ҳамаи дигаргуниҳои таърихӣ ва пош хӯрдани давлати Сомониён забони тоҷикӣ мавқеи худро аз даст надода, дар даврони ҳукмронии сулолаҳои туркию муғулӣ ҳам ба ҳайси забони расмию коргузорӣ мавриди истифода қарор дошт. Бо ин забон шоиронy мутафаккирони бузург ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Сино, Ҷомӣ, Румӣ, Ҳофиз, Дониш, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва дигарон асарҳои безавол эҷод кардаанд.

Баъд аз барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ ва ташкил шудани ҶШС Тоҷикистон (соли 1929) мавқеи забони русӣ дар коргузории давлатӣ аввалиндараҷа гардид. Бояд гуфт, ки дар давоми солҳои 1965-1985 масъалаи мақоми забони тоҷикӣ дар ҷомеа ягон маротиба дар сатҳи роҳбарикунандаи ҳизбию давлатӣ ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор нагирифта буд. Баъд аз саршавии равандҳои демократикунонии ҷомеа дар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҷунбишу созмонҳои миллӣ-демократӣ ба миён омаданд. Сиёсати ошкорбаёнӣ имконият фароҳам овард, ки камбудиҳои сиёсати коммунистии замони шӯравӣ оид ба масъалаи баробарҳуқуқии миллатҳои ИҶШС дар ҷомеа баррасӣ ва муҳокима шаванд. Дар Тоҷикистон масъалаи асосӣ - муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ дар ҷомеа гардид. 22 июли соли 1989 дар Иҷлосияи 10-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Қонуни забони тоҷикӣ" қабул карда шуд. Тибқи қонун забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ мақоми давлатиро гирифт.

Даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1991, бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона тағйироти ҷиддиро дар ҳаёти ҷомеа тақозо мекард. Санаи 6 ноябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд ва дар он мақоми давлатӣ доштани забони тоҷикӣ дарҷ гардид. Чунончи, дар боби якуми моддаи дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст: "Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст".

Забони тоҷикӣ ба хонаводаи забонҳои ҳинду аврупоӣ дохил шуда, дар маҷмӯъ, порсигӯёни асил (форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ) зиёда аз 122 млн. мардум мебошанд.

Бояд гуфт, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бостонӣ ба шумор рафта, мардуми тоҷик онро ҳамчун рукни давлатдорӣ ва миллатдорӣ, новобаста аз мушкилоти таърихӣ ва аз даст рафтани давлати миллӣ, ҳифз ва нигоҳ доштанд. Ба мо наслҳои имрӯза зарур ва уҳдадорист, ки мероси гузаштагонамонро пос дошта, онро нигоҳ дорем ва ба наслҳои минбаъда мерос гузорем.

**Сиёвуш ҲАБИБОВ,**
**ассистенти кафедраи**
**фанҳои гуманитарӣ**

# ОМӮЗГОР ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ БУЗУРГ АСТ

Дар Ватани соҳибистиқлоли мо ҳамасола якшанбеи аввали моҳи октябр Рӯзи омӯзгорон қайд карда мешавад ва ҳамчун рамзи эҳтирому сипос ба аҳли таълиму тарбия ва кормандони соҳаи маориф махсуб меёбад. Дар мамлакатамон омӯзгор мақому мартабаи хос дорад ва арҷгузориву эҳтироми ин шахсияти наҷиб барои халқи фарҳангдӯсту маърифатпарвари тоҷик аслан анъанаи дерин аст. Бузургони тоҷик омӯзгорро дар ашъори худ зиёд васфу ситоиш кардаанд ва ҳаққи ӯро болотар аз ҳаққи падар гузоштаанд:

**Ҳаққи устод аз падар**
**беш аст,**
**В-аз падар устод дар**
**пеш аст.**

Боиси ифтихору сарфарозист, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ва эҳтироми зиёд ба аҳли маориф доранд ва маорифро соҳаи афзалиятноки ҷомеа эълон намуданд. Сарвари кишвар пайваста таъкид мекунанд, ки омӯзгор имрӯзи миллатро обод ва фардои онро бунёд менамояд.

Омӯзгор бо муносибат, рафтору кирдор, дониш, маҳорат, малака ва истеъдоди худ ба қалби шогирдон роҳ ёфта, дар тарбияи маънавии инсон саҳми муассир дорад. Агар устоди аввалини мо падару модар бошанд, пас дуюмин устод ин омӯзгор аст. Хидмати омӯзгор дар тарбияи насли наврас бештар аст. Омӯзгор дари илму донишро боз карда, дунёи тафаккури шахсро бедор месозад. Кас наметавонад, ки бе устод аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд.

Воқеан, омӯзгор дар рӯҳияи ватанпарастию хештаншиносӣ тарбия намудани насли наврас пайваста ба шарафмандона кӯшиш менамояд. Шогирдони донишманди омӯзгорони тоҷик имрӯзҳо дар озмунҳои бонуфузи байналмилалӣ бомуваффақият ширкат варзида, Тоҷикистони азизро дар тамоми олам муаррифӣ менамоянд ва обрӯю эътибори ҷаҳонии онро боз ҳам меафзоянд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба заҳмати омӯзгорон эътибори ҳамешагӣ медиҳад ва пайи арҷгузории он тадбирандешӣ мекунад. Роҳандозии ислоҳоти маориф, қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа, бунёду таъмири таълимгоҳҳо, таъсиси Ҷоизаи Президенти Тоҷикистон дар соҳаи маориф, таҳияи накшаву барномаҳои нави таълимӣ, давра ба давра афзудани музди меҳнати омӯзгорон аз ҷумлаи тадбирҳои муҳимеанд, ки пайи дастгириву рушдбахшии соҳаи маориф ва такмили шароити фаъолияти омӯзгорон корбаст шудаанд.

Омӯзгор шахсияти бузург ва нотакрорест, ки бо чароғи ақл оламм фикрии моро равшан намуда, дунёи пурасрори илмро муаррифӣ мекунад. Духтуру шоир, деҳқону муҳандис ва ғайра ҳама парвардаи оғӯши биҳиштосои омӯзгоранд. Тобиши зиндагӣ бори дигар собит сохт, ки давлати муаллим тарбияи шогирдон аст. Ҳар як омӯзгор аз пешрафт ва комёбиҳои шогирдонаш ифтихор мекунад.

Имрӯз, ки айёми рушди босуръати илму техника, шиддатёбии раванди ҷаҳонишавӣ ва моҳияти боз ҳам бештар пайдо кардани таҳсилот мебошад, вазифаву масъулияти мо, омӯзгорон дар назди маориф боз ҳам афзудааст. Моро мебояд, ки сифати таълиму тарбияро бештар такмил бахшем, аз усулҳои фаъоли таълим васеъ истифода барем, мунтазам ба худомӯзӣ машғул шуда, кӯшиш ба харҷ диҳем, ки сифати таълиму тарбия дар ҷумҳурӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ бошад.

**Моҳира АВҒОНОВА,**
**ассистенти кафедраи**
**фанҳои гуманитарӣ**

Бахшида ба 10-солагии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон таҳти унвони «Дастовардҳо ва имкониятҳои нав» дар Хуҷанд Анҷумани байналмилалии иқтисодӣ доир шуд.

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ

Имрӯзҳо мубориза бо терроризм ва махви он дар сарзаминҳои Сурияву Ироқ ҳамчун як муаммо боқӣ мондааст ва дар як марҳилаи хассос қарор дорад. Бахусус, дар пок кардани сарзамини Сурия, ҳаммонанди шаҳри Идлиб дар байни давлатҳои минтақа ва қудратҳои фароминтақавӣ мухолифатҳо ва танишҳои сиёсӣ дар миёни манфиатдорон шиддат мегирад. Ангеза ва паёмади ин ҳодисаҳо дар набудани як тавофуқи дастаҷамъона ё худ алтернативӣ дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва талошҳои давлатҳо барои муқобила бо амалҳои террористӣ ва маҳви комили террористон дар сарзамини мазкур якҷониба боқӣ мондааст. Давлатҳои манфиатдор дар талошанд, то ин ки дар Сурия ва як гӯшаи он, яъне шаҳри Идлиб, ҷиҳати фишор ба давлати барқароршавандаи ин минтақа дар оянда, шаҳри мазкурро, ки шомили 50 ҳазор террорист ва мухолифон ҷамъ омадаанд, боқӣ гузоранд. Дар сурати амалиёти густарда аз ҷониби ҳампаймонони Сурия, яъне Русия ва Туркияву Эрон, ҳамчунин низомиёни давлати Сурия ба шаҳри Идлиб, террористон ба куллӣ маҳв мегарданд? Ё ин ки хатари интиқоли онҳо ба ҷойи дигаре вуҷуд дорад? Агар хатари интиқоли онҳо аз ҷониби бозигарони ҷаҳонӣ ба чашм мехӯрад, пас кадом нуқтаи рӯйи замин аст? Хатар ва таҳдиди зуҳуру пахншавии экстремизму ифротгароии динӣ имрӯзҳо барои аксари кишварҳои мусулмоннишин, махсусан барои кишварҳои Осиёи Марказӣ беш аз ҳарвақта таҳдид мекунад. Ин таҳдидҳо дар пасманзари мутташанниҷ кардани авзоъ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз тарафи ҳаракатҳои тундрави исломӣ ва дар онҳо ширкат варзидани намояндагони мамлакатҳои мухталиф, аз ҷумла ҷумҳуриҳои пасошӯравии Осиёи Миёна бештар ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва баррасии заминаҳо ва омилҳои пайдоишу густариш ёфтани ин зуҳуроти номатлуб ва роҳҳои пешгирӣ аз он беш аз ҳарвақта барои ҷомеаҳои мо зарур аст.

Бинобар ин барои пешгириву пахншавӣ ва рушди экстремизми динӣ ва зуҳуроти аз он падидояндаи хушунат, терроризм, сепаратизм, бегонапарастӣ ва худбохтагии миллӣ дар шароити Тоҷикистон бояд пеш аз ҳама, сарчашмаи онро пайдо намуд. Барои беҳбудии вазъи иқтисодӣ, таъмини харҷи бештари мардум бо ҷойҳои арзандаи корӣ, пешгирӣ аз раванди бемайлон ва бенизоми муҳоҷират чораҳо андешид. Дар ин миён ҳадаф ва нақшаҳои геополитикии кишварҳои абарқудрати минтақавию ҷаҳониро низ бояд дуруст баррасӣ ва таҳлил кард.

Яке аз вазифаҳои муҳим ба мардум тарғиб намудан ва дуруст фаҳмонидани моҳияти дини ислом, тарғиби меҳру муҳаббат ва садоқат ба ҳамдигар, кӯшиши муштарак барои ба даст овардани саодати дунявӣ ва ухравӣ ва дигар ғояҳои умумибашарии инсонпарваронаи дини ислом мебошад.

Ҳамчунин, омӯзиш ва баррасии илмии ислом, тарғиби ғояҳои волои он аз ҷониби муҳаққиқон низ зарур мебошад. Айни замон хубтару беҳтар намудани мазмуну мундариҷа ва сифати таълими динҳои роиҷ дар ҷаҳон, бахусус дини ислом, ки ҳамчун фанни диншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва дигар муассисаҳои таълимӣ омӯзонда мешавад, аз аҳамият холӣ нест. Дар ин росто, алалхусус таҳлил ва ошкор намудани заминаҳои сиёсии зуҳури созмонҳое шабеҳи “Ал-қоида” ва “ДИИШ”, фаҳмонидани моҳияти дини мубини ислом, шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои бегона, фаҳмондадиҳии ин гуна кирдорҳои номатлуб ба мардум аз тарафи муҳаққиқон зарур мебошад. Бо ин роҳҳо мо метавонем моҳияти инсондӯстии ин динро ба ҳамагон фаҳмонем ва ҷавононро ба роҳи рост ҳидоят намоем.

**Ҳасан БОЙНАЗАРОВ,**
**ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

## ТАРЗИ ГУФТОРИ ДАРӢ ШИРИНТАР АСТ



Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола 5-уми октябр қайд карда мешавад. Ин санаи муқаддас аз соли 2009 ба идҳои кишварамон ворид гардида, ҳамчун ҷашни умумимиллӣ дар сар то сари мамлакат бошукӯҳ таҷлил мегардад.

Забони форсии дарӣ, аслан, лаҳҷаи аҳолии Мовароуннаҳру Самарқанд ва Бухоро аст, ки дар ин ҷойҳо тоҷикон зиндагӣ мекарданд. Забон нишонаи муҳимтарини давлати соҳибистиқлол аст. Бинобар ин замони истиқлолият на фақат барои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” шароити мусоид фароҳам овард, балки таваҷҷуҳи роҳбарияти давлатро нисбат ба забон беш аз ҳарвақта афзуд.

Мо, тоҷикон бояд ба асолати аҷдодии худ баргардем ва калимоти гуҳарбори дурри дариро пос дорем ва онро ба ёдгор гузорем, зеро ин кори таъхирнопазир ва пурифтихор барои ҳар яки мо ҳам фарз асту ҳам қарз.

**Мадина ЛАТИПОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**факултети молия ва қарз**

# НАЙДИ СВОЙ СТИМУЛ - СВОЕ ВДОХНОВЕНИЕ!

Дорогие студенты, многоуважаемые наши преподаватели и просто читатели данной газеты! На этот раз, данная статья не будет о финансовой грамотности индивидуумов, о важности английского языка в современном мире или размышления на политические, или социальные темы. Это будет письмо моему любимому ТГФЭУ.

В этот год я пришла, как студентка ни первого и даже не второго, а четвертого курса. С этим числом я не привыкла, ведь только недавно мы вошли в это прекрасное место, только-только привыкли к нашим англоговорящим преподавателям, стали более серьезно относиться ко всему. Помнится все - как преподаватели заходили и проверяли наличие знаний английского языка, задевая экономическое русло; наши научные споры со старшекурсниками; наши беседы с иностранцами из разных международных организаций; наши труды над простым “бонжур, мерси” французского языка; наши пышные праздники, где каждый факультет соревновался друг с другом, пытаясь завоевать почетное первое место; наши маршировки, где мы приобрели много друзей, с которыми до сих пор поддерживаем связь - никогда не забудутся.

И если не организация и поддержка нашей группы с английским языком обучения со стороны ректора, руководства деканата и нашего куратора просто не было бы всего вышесказанного. Всегда с их стороны чувствовали поддержку и старались гордо показать, что их труд потрачен не зря.

На протяжении этих лет, у нас был только один куратор, спасибо вам огромное за все добротные кураторские часы, которые мы действительно проходили, за вашу поддержку во время олимпиад и различных состязаний. Мы всегда будем ценить вашу строгость. Она была нам как фундамент при постройке нового дома.

Отдельное спасибо нашим преподавателям за вашу строгость, когда надо и жизненно-важные лайфхаки, за то, что показали мир иными глазами. Именно вы определили в нас черты индивидуалиста, который имеет во всем свое собственное мнение, а главное - иметь личный выбор.

Как только образовалась группа с английским языком обучения, все строго взялись за нас, особенно, за наше обучение. Каждый терял дар речи, как только начинали хоть что-то говорить, каждый преподаватель был по-особенному важен для группы. Каждый отличался характером, методами и приемами проведения занятий и преподнесенных обучающих презентаций и, конечно же, речью.

Быть преподавателем это одно дело, а вот быть высококвалифицированным преподавателем со знанием английского языка в группе с английским языком обучения, который должен готовить лекции, презентации и тесты только на английском языке и преподнести так, чтобы студенты поняли - это совсем разные вещи!

Чтобы понять важность преподавателя нашей группы, нужно просто один день быть им. Нужно отметить, что именно молодые кадры быстро и легко приспосабливаются к группе с английским языком обучения. Весь Таджикистан должен знать преподавателей с современными инновационными идеями. И нашей группе по-особенному повезло, что мы обучались основам экономики и инвестиции только у таких опытных конкурентоспособных молодых специалистов.

На занятиях таких преподавателей глаза начинают гореть желанием покорить этот мир, он вдохновляет всех быть единым, ведь только так мы можем улучшить нашу экономику. После таких занятий, всегда, кажется, что ты прочел мировой бестселлер очередного экономиста. Нет, они не учатся этому делу за границей, напротив, получили образование в Таджикистане. И это свидетельствует о том, что каждый может получить высшее образование и стать настоящим специалистом в своей сфере.

Наши многоуважаемые преподаватели, от лица всей нашей группы хотим вам пожелать больших успехов в нелегком труде и высоких достижений в деле воспитания молодого конкурентоспособного специалиста.



Ценность преподавателя очень значима, ведь мы тратим самое бесценное время в университете именно с ними, полагаясь, что станем лучшими специалистами в области экономики. Настоящий педагог подобен ярко горящей свече в мрачной тьме, всегда покажет дорогу, разожжёт огонь, когда холодно и поделится всем тем, что у него есть. И каждый педагог оставляет частичку себя в нашей памяти, вечно оставаясь такими, какими мы их запомнили. Нужно ценить каждого преподавателя, ведь каждый из них предстает перед нами как великий мотиватор, смелый оратор и умный психиатр.

Университет - это для меня самое ценное место. Надеюсь, что это не последняя статья в данной газете, ведь я хочу поступать в магистратуру и мой выбор очевиден.

Я никогда не могу отблагодарить всех за эту Нозанин, которую все видят сейчас. Именно здесь я построила себя, стала личностью и, если бы не эти четыре года в ТГФЭУ, этого бы и не было. При желании, каждый может быть тем, кем он так сильно хочет стать.

Нужно мечтать. И если ты хочешь быть Гермионой Грейнджер из фильма “Гарри Поттер”, то старайся быть ею. Найди свой стимул - свое вдохновение! И я уверяю, что стала тем, кем я так хотела быть раньше. Возможно, я частично стала Гермионой, которая поборола свой страх перед Воландемордом. И даже, если вы само сотворение ангела, вас будут критиковать и нужно быть готовым к этому, ведь только, становясь публичной личностью, тобою все интересуются и критикуют. Будь чаще с родными. Делай сюрпризы, дари подарки, цветы, подари им чуточку веселья, ведь это совсем не трудно! Никогда не бойся изменить свою жизнь в лучшую сторону - учи языки, займись любимым делом, занимайся спортом, проводи много времени на свежем воздухе, путешествуй! Страх - твой худший враг, так победи его!

**Нозанини СОРБОН,**
**студентка 4 курса**
**ФЭО**

**GIZ барои татбиқи лоиҳаи бахши кишоварзӣ дар Тоҷикистон 1,3 миллион евро ҷудо мекунад.**

# ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

## Гулдаста Сайдалиеваи азиз!

Шуморо бо фарорасии санаи муборaки умратон, яъне фархундазодрӯзатон табрику муборакбод намуда, бароятон тамоми хушиҳои оламро таманно дорем. Бигзор Худованд кулли хушнудиҳои оламро дар китоби умратон сабт намуда бошад ва вожае чун хушбахтӣ надими якумраи даргоҳатон гардад.

**Ниҳоли қоматат пурбор гардад,**
**Туро умри наку ҳам ёр гардад.**
**Дар ин дунё бизӣ сад соли дигар,**
**Ки дунё аз паят гулзор гардад.**



## Бобоалӣ Шарипови арҷманд!

70

Шуморо бо фарорасии санаи муборaки умратон, яъне 70-умин солгарди мавлуди худастаатон самимона табрику таҳният гуфта, ҳохони саломативу нерумандиатон ҳастем. Бароятон, пеш аз ҳама, умри дарози бехазон, толеи баланд ва хушбахтии ҷовидонаро таманно дорем. Аз даргоҳи Офаридгор талаб менамоем, ки ҳамеша Шуморо саодатманду неруманд ва фараҳманду зафарманд дар паноҳаш нигоҳ дорад.

**Имрӯз миёни мо гули анҷуманӣ,**
**Дар баҳри кабири илм дурри аданӣ.**
**Бас ҷилва намуд хома дар коргаҳат**
**Ай шери Худо, шаҳи диёри суханӣ.**



## Муҳтарам Хуршед Ҷумъабоев!

45

Шуморо ба муносибати 45-умин солгарди зодрӯзи худастаатон самимона табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Худованд бароятон дили беғам, қалби саршор аз муҳаббат ва хушбахтиву хушиқболиро таманно дорем.

**Намегӯям, чу Саъдӣ пир гардед,**
**Ки аз умри зиёд дилгир гардед.**
**Каму беши ҳаёт дар дасти мо нест,**
**Вале хоҳам, ки ботадбир гардед.**



# Хандарез

Ҷавоне баъди шаш моҳ аз хизмати ҳарбӣ рухсатӣ гирифта, ба хонаашон меояд ва дар назди ҷӯрахояш воҳима карда мегӯяд:

- Ман аз ягон дембил наметарсам, ҳар рӯз онҳоро боб карда мегардам.

Рафиқонаш ҳайрон шуда мепурсанд:

- Канӣ, гап зан, ту чӣ онҳоро аҳмақ мекунӣ?

Наваскар бо ифтихор:

- Дембилхо мефармоянд, ки ҷӯробҳояшонро бо оби гарм бишӯям, ман бошам, бо оби хунук мешӯям.

***

Дар қатора занеро аз хуррокашии ҳамсоя хобаш намебарад. Ҳарчанд деворро мекӯбад, бефоида. Саҳар ба купеи ҳамсоя сар халонда, ба марди дарозкашида мегӯяд:

- Магар шаб тақ-тақи деворро нашунидед?

Мард дар ҷавоб мегӯяд:

- Шунидам, шунидам, вале бахшиш, ки рафта натавонистам, хеле хаста будам.

# ОБУНА – 2019



Рӯзномаи «Молия ва иқтисод» фарогирандаи тамоми масоили донишгоҳ буда, моҳе ду маротиба чоп мешавад. Маъракаи обуна ба рӯзнома оғоз гардидааст. Обуна шудан ба «Молия ва иқтисод» дастрасӣ ба маводи ҷолибу хонданӣ ва ғанӣ гардондани ҷаҳони маънавиёт, фарҳанг, иқтисодиёт ва дарёфти ҳаҷви гуворост.

**Хонандаи гиромӣ, нархи обуна тағйир наёфта, барои як сол ҳамагӣ 25 сомонӣ мебошад.**

**Аз обунашавӣ ба «Молия ва иқтисод» дар канор намонед.**

**Нусхаи расиди (квитансия) пардохти маблағи обунаро ба шуъбаи табъу нашр пешниҳод намоед.**

## КРОССВОРДИ «ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

1) «Комедия» ба тоҷикӣ. 2) Яке аз шаҳрҳои бостонӣ дар Тоҷикистон. 3) Аскар. 4) Хона, манзил. 5) Накша, дурнамо. 6) Шарм доштан, худдорӣ кардан. 7) Чизе, ки арзон аст, нархи ... 8) Деҳае, ки Абӯалӣ Ибни Сино ба дунё омадааст. 9) Зодгоҳи Рӯдакӣ. 10) Танкид. 11) Як намуди карам. 12) Кумитаи забон ва ...-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.




Мураттиб
Н. ТӮЙЧИЗОДА

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии Боронов Меҳрочиддин Зуробович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси омори факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Назаров Ғайратшо Ҳайдарович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010803 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Сафарова Рухшона Давлатмуродовна, донишҷӯи курси 5, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси ҳуқуқи иқтисоди факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Қаландаров Сомон Шарифҷонович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-40010202 факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Бойзода Сомонбеки Бегмурод, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010801 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Назриев Идиҳон Умарович, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010801 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Қурбонов Нажибулло Аслиддинович, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010801 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонии Саидов Ҳайрулло Алиевич, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси молияи факултети молия ва карзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Галиматов Хувайдо Зумратшоевич, донишҷӯи курси 4, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси 1-40010202 факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Раззоқов Рухшед Раҳмонбердиевич, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010805 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Сайдалиев Маҳмадалӣ Мадалиевич, донишҷӯи курси 5, шуъбаи ғоибонаи ихтисоси андоз ва андозбандии факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Баротов Исфандиёр Исломуддинович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси менеҷменти инноватсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Суфиев Исхомуддин Ҳалимҷонович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси менеҷменти байналхалқии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Амиршоев Қамариддин Шеравғанович, донишҷӯи курси 4, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010801 факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Раҳимов Зокирҷон, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Ҳусейнов Муродалӣ, ассистенти кафедраи суғуртаи донишгоҳ нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Гулмуродов Маҳмадзариф, корманди хоҷагии донишгоҳ нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Бозоров Ҷиҳон, корманди хоҷагии донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.


Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан
Молия ва иқтисод
Муассис: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сармуҳаррир: Машҳура Абдуллоева
Котиби масъул: Саъдулло Носиров
Муҳаррирон: Раъно Ҳакимова, Насрулло Тӯйчизода, Наврӯз Ҷобиров

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0330/рз аз 7 декабри соли 2015 ба ҳисоб гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14
Тавзеҳ:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия ба бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 4200
Нархаш шартномавӣ
www.tgfeu.tj
E-mail: gazetadmit@tgfeu.tj
Телефон: 988 – 16 – 51- 57